***ТДУ 930.2***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-4-22-25***

# ***ХОТИРАҲОИ МУҲАММАД ҲАКИМХОН ДАР БОРАИ АМИР ДӮСТ МУҲАММАДХОН***

***Абдукаримов Ҷамолиддин Аҳмадалиевич****, н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад.Б. Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ***ВОСПОМИНАНИЯ МУХАММАДА ХАКИМХАНА ОБ АМИРЕ ДУСТ МУХАММАДХАНЕ***

***Абдукаримов Джамолиддин Ахмадалиевич****, к.и.н., доцент кафедры истории таджикского народа ГОУ "ХГУ имени акад.Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

# ***MEMORIES OF MUHAMMAD HAKIMKHAN ABOUT AMIR DUST MUHAMMADKHAN***

***Abdukarimov Jamoliddin Ahmadalievich****, candidate of historical sciences, Associate Professor of the department of the history of Tajik nations under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),* ***E-mail:*** *abdukarimov_1979@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *"Мунтахаб ат-таворих", Муҳаммад Ҳакимхон, Дӯстмуҳаммадхон, Аморати Бухоро, Афғонистон, Осиёи Миёна*

*Дар мақола маълумоти яке аз сарчашмаҳои ҳавзаи таърихнигории Қӯқанд "Мунтахаб ат-таворих"-и Муҳаммад Ҳакимхон доир ба шахсият ва фаъолияти амири Афғонистон Дӯстмуҳаммадхон оварда шудааст. Таъкид шудааст, ки «Мунтахаб ат-таворих» сарчашмаи нодир оид ба таърихи хонигарии Қӯқанд ва аморати Бухоро ба ҳисоб рафт, дар баробари ин дар омӯзиши вазъи сиёсии Афғонистон дар нимаи аввали асри XIX аҳамияти калони илмӣ дошта, ҳатто баъзе аз маълумоти Муҳаммад Ҳакимхон дар сарчашмаҳои таърихии ин кишвар инъикос наёфтаанд. Муҳаммад Ҳакимхон дар асараш дар бораи амири маъруфи Афғонистон Дӯст Муҳаммадхон, ки шахсан мешинохт ва робитаҳои дустӣ дошт, маълумоти хеле ҷолибу шавқангез овардааст, ки барои муайян намудани лаҳзаҳои ҳаёт ва фаъолияти ин шахси таърихӣ ва таърихи Афғонистон қобили аҳамиятанд.*

***Ключевые слова:*** *"Мунтахаб ат-таварих", Мухаммад Хаким-хан, Дустмухаммад-хан, Бухарский эмират, Афганистан, Средняя Азия*

*В статье представлены сведения одного из источников историографического круга Коканда «Мунтахаб ат-таварих» Мухаммада Хакимхана о личности и деятельности афганского эмира Дуст Мухаммад-хана. Подчеркнуто, что «Мунтахаб ат-Таварих» считался редким источником по истории Кокандского ханства и Бухарского эмирата, в то же время он имеет большое научное значение при изучении политической ситуации в Афганистане в первой половине XIX века. Отмечается, что некоторые сведения Мухаммада Хакимхана не нашли отражения даже в исторических источниках этой страны. Мухаммад Хакимхан в своем произведении о знаменитом афганском эмире Дуст Мухаммад-хане, с которым он лично был знаком и имел дружеские отношения, предлагает очень интересные сведения, имеющие существенное значение для определения моментов жизни и деятельности этой исторической личности и истории Афганистана.*

***Key words:*** *"Muntahab at-tawarikh", Muhammad Hakim Khan, Dost Muhammad Khan, Bukhara Emirate, Afghanistan, Central Asia*

*The article presents information from one of the sources of the Kokand historiographic circle "Muntahab at-tawarikh" by Muhammad Hakimkhan about the personality and activities of the Afghan emir Dost Muhammad Khan. It is emphasized that "Muntahab at-Tawarikh" was considered a rare source on the history of the Kokand Khanate and the Bukhara Emirate, at the same time it is of great scientific importance in studying the political situation in Afghanistan in the first half of the 19-th century. It is noted that some information from Muhammad Hakim Khan were not reflected even in the historical sources of this country. Muhammad Hakimkhan, in his work about the famous Afghan emir Dost Muhammad Khan, with whom he was personally acquainted and had friendly relations, offers very interesting and interesting information that is essential for determining the moments of the life and work of this historical figure and the history of Afghanistan*

«Мунтахаб ат-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон сарчашмаи нодир оид ба таърихи хонигарии Қӯқанд ва аморати Бухоро ба ҳисоб меравад. Асари мазкур аз панҷ боб ва ду тоифа (боб) иборат буда, доираи хронологии он аз «офариниши олам» то солҳои 40-уми асри XIX-ро дар бар мегирад.

Боби панҷум ва тоифаи якуми асар ба таърихи сулолаи Манғит, ки дар Бухоро ҳукмронӣ мекард, бахшида шуда, ҷараёнҳои муҳимми сиёсӣ, ҳарбӣ ва иқтисодие, ки дар аморати асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX ба амал омадааст, инъикос ёфтааст.

Муҳаммад Ҳакимхон дар ҷараёни тавсифи таърихи аморати Бухоро аз маълумоти мансабдорони гуногун, аз ҷумла Нақиб Эшони Тура Ҳоҷӣ, ки аз мансабдорони бонуфузи дарбори амир Насрулло буд, истифода кардааст. Ғайр аз ин, тафсилоти воқеаҳои аморати Бухоро дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX дар асоси маълумоти Динносир, писари амир Шоҳмурод (1785-1800), ки дар шаҳри Теҳрон умр ба сар мебурд ва бо набераи шоҳи Эрон Фатҳалишоҳ издивоҷ карда, ҳамеша аз рӯйдодҳои аморат огоҳ буд, истифода намудааст [4, с.18].

Қобили зикр аст, ки дар «Мунтахаб ат-таворих» хотираҳои шахсии муаллиф нақши муҳим доранд. Маълумоти Муҳаммад Ҳакимхон дар бораи воқеаҳое, ки солҳои 1828-1842 дар сарзамини аморати Бухоро ба амал омадаанд, бешубҳа, арзиши нодири таърихӣ дорад. Зеро дар ин давра Муҳаммад Ҳакимхон дар қаламрави аморат зиндагӣ карда, асари нодири худ «Мунтахаб ат-таворих»-ро навиштааст.

Дар «Мунтахаб ат-таворих» вазъи сиёсии Афғонистон дар нимаи аввали асри XIX, ҷанги Англиву Афғонистон, муборизаи Дӯстмуҳаммадхон барои тахт бо Шуҷо ал-мулк, ки солҳои дароз аз ҷониби ҳукумати Англия дастгирӣ меёфт, фирори Дӯстмуҳаммадхон ба Бухоро, муносибати амир Насруллоҳ нисбат ба ӯ, ба ватан баргаштани Дӯстмуҳаммадхон ва маълумоти нодир дар бораи муборизаи ӯ бар зидди англисҳо ва сарнавишти минбаъдааш инъикос ёфтаанд. Ҳамчунин, номаҳое, ки Муҳаммад Ҳакимхон дар асар овардааст, ҳатто дар асарҳои муаррихони Афғонистону Ҳиндустон мавҷуд набуда, барои пурра кардани маълумоти онҳо хизмат мекунад.

Таърихи Афғонистон дар асрҳои XVIII – XIX бо хонигариҳои Осиёи Миёна робитаҳои қавӣ дошт. Баъзе аз маълумоти Муҳаммад Ҳакимхон дар “Мунтахаб ат-таворих” оид ба қарор доштани Дӯстмуҳаммадхон дар қаламрави Осиёи Миёна дар асари дуҷилдаи “Таърихи Афғонистон” инъикоси худро ёфтааст. Тибқи таъкиди муаллифони асари мазкур Муҳаммад Ҳакимхон дар ин бора маълумотеро овардааст, ки ҳатто дар “Сироҷ ат-таворих” ба назар намерасад [2, с.199].

Муҳаммад Ҳакимхон дар асараш дар бораи амири маъруфи Афғонистон Дӯстмуҳаммадхон, ки шахсан мешинохт ва робитаҳои дустӣ дошт, маълумоти хеле ҷолибу шавқангез овардааст. Дар доираи як мақола овардани ҳама он маълумоти муаллиф доир ба зиндагӣ ва фаъолияти амир Дӯстмуҳаммадхон ғайриимкон аст. Бинобар ин ба баъзе маълумоти Муҳаммад Ҳакимхон ба таври иҷмол таваққуф менамоем.

Шахсияти Дӯстмуҳаммадхон ҳануз дар асри XIX таваҷҷуҳи олимон ва сайёҳонро ба худ кашида, дар адабиёти илмӣ доир ба шахсият ва фаъолияти ӯ баъзе маълумот мавҷуд аст. Масалан, А. Борнс чунин нигоштааст: “Дили ҳар касе, ки бо ӯ дар наздик суҳбат мекард, бо муомилаи хуш, суханони боназокат, ақл, доногиву зиракиаш тасхир мекард. Ӯ бидуни шубҳа яке аз сардорони боистеъдоди Афғонистон буда, бо шарофати қобилияти фавқулодаи ӯ кишвар ба имтиёзҳои зиёд мушарраф мегардид”[6, с.6].

Бояд гуфт, ки дар асарҳо доир ба таърихи Афғонистон ҳангоми тавсифи муборизаи зидди англисҳо маълумоте мавҷуд аст, ки Дӯстмуҳаммадхони ба ватан баргашта, бо сабабҳои номаълум лашкари худро тарк карда, ба инглисҳо таслим шуда, асир мешавад [1, с. 149].

Муҳаммад Ҳакимхон бо Дӯст Муҳаммадхон шиносоӣ дошт ва дӯст буд, дар ёддоштҳои худ дар бораи ин воқеа маълумоти мушаххас медиҳад. Бино ба маълумоти муаллиф, инглисҳо ба лашкари Дӯстмуҳаммадхон барои ба таври пинҳонӣ асир гирифтани ӯ маблағи калон ваъда кардаанд. Ҳатто Искандар Борнс (Александр Борнс солҳои 1805-1841 зиндагӣ кардааст, солҳои 1839-1841 мушовири сиёсии штаби низомии Бритониё дар Кобул [7], муаллифи рӯзномаи сеҷилдаи сафарҳои Афғонистон, Осиёи Миёна, Эрон, ки соли 1839 дар Лондон нашр шудааст) далерӣ ва шуҷоати Дӯстмуҳаммадхонро дида, ба ӯ бо овози баланд «Эй амир, чаро ин қадар ба ҷони худ ҷабр мекунед. Ҳоло мусалмонҳои шумо шуморо дастгир карда меоранд. Ин меҳнатҳои ҷаноби шумо ройгон меравад»[2, с.508] гуфтааст.

Дӯстмуҳаммадхон ба ин эътибор надод ва ҷангро идома дод, вале чун дид, ки ҷанговарон ӯро танҳо гузоштаанд, амир маҷбур шуд, ки бо як надими худ фирор кунад ва пас аз тай кардани роҳи тӯлонӣ ба дарвозаи Кобул расида, моҳирона ба назди котиби Уилям Макнотен

(котиби хукумати Англия дар Ҳиндустон ва сафир дар давраи хукмронии амир Шуҷоъ ал-мулк) Лот дохил мешавад.

Муҳаммад Ҳакимхон доир ба сӯҳбати Дӯстмуҳаммадхонро бо Лот ва номае, ки ба ӯ навишта буд, чунин маълумоти ҷолиб медиҳад: "Амир дарвозаро (ба қуввати тамом) (задан гирифт). Дарвозабон дарро нагушод. Амирсоҳиб гуфт: «Ман элчӣ мебошам. Аз назди амир Дӯстмуҳаммадхон омадаам. Ба Лот кори зарур дорам ва хабарро ба Лот баранд». Лоти ҷангӣ номи амир Дӯстмуҳаммадхонро шунид. Гуфт: «Зуд элчиро ба назди ман оред». Мулозимон амири ғозиро давонида, ба пеши он габр овարданл. Лот аз амир Дӯстмуҳаммадхон аҳвол пурсид. Амирсоҳиб гуфт: «Амир Дӯстмуҳаммадхон ба шумо як хат додааст. Агар қабул фармоед, ҳоло ба пеши шумо меорам ва агар қабул нафармоед ба мулки Эрон хоҳад хиромид».

Лот гуфт: «Хат ку?». Амир хатро аз бағали (худ кашида) ба дасти Лот дод ва Лот мутолиа фармуд. Мазмуни мактуб ин ки: «Аморат ва иёлатпаноҳ Валӣ Ямчӣ Лотро пӯшида намонад, ки дар миёни мову ту муҳориботи бисёр воқеъ шудааст. Бо вуҷуди ҳамон моро ту борҳо таклиф мекунӣ, ки биёед ва мо қабул намекардем. Ҳоло дар пеши ту гӯё айни худро фиристодем. Ба се шарт, аввал он ки ба молу ҷони мо зарар нарасонӣ. Дуюм он, ки моро ба Шуҷоъулмулк мулозим насозӣ, сеюм он ки то вақте ки ба дасти ту ҳастам, ҳар рӯз билотарк понсад ашрафӣ бидиҳӣ. Ба ҳамин се шарт аз дини худ аҳду паймон кунӣ ва қабул фармоӣ, ба пеши ту меравем ва илло ба Эрон хоҳем рафтан». Ва ин хатро амир Дӯстмуҳаммадхон аз забони худ дуруст карда буд. Чун Лот аз хондани мактуб фориғ шуд, бисёр хурсанд шуду гуфт: «Биё аҳд кунем». Амир Дӯстмуҳаммадхон Лотро аз дини ӯ савгандҳои ғализ дод. Баъд аз фориғ шудани аҳду паймон гуфт: «Огоҳ бош, ки манам Дӯстмуҳаммадхон». Лот чун ин сухан аз амири ғозӣ шунид, ангушти таҳайюр ба дандон газид ва надимони худро талаб намуд, ки: «Оё ин сухан рост бошад ё дурӯғ». Чанде надимони ӯ, ки амир Дӯстмуҳаммадхонро дида буданд, ҳама муонақа намуда, гувоҳӣ доданд, ки ин аст, амир Дӯстмуҳаммадхон. Лоти ҷангӣ сари худро луч карда, чанд бор ба амир Дӯстмуҳаммадхон сар заду худ дар поён нишасту гуфт:

Байт:

***Мешунидам, ки марди майдонӣ,***
***Чун бидидам ҳазор чандонӣ.***

Ва аз корҳои амир таҳсинҳо менамуд ва ин воқеаро ба подшоҳи худ дар Ландан навишт. Ҳама Фарангистон ба таҳаввурияти амир Дӯстмуҳаммадхон офарин мекарданд" [2, с.509-510].

Тибқи маълумоти Муҳаммад Ҳакимхон ба ӯ муяссар шуд, ки аз зулми амири Бухоро Насрулло гурехта, ба Шаҳрисабз рафт ва бо амири Афғонистон Дӯст Муҳаммадхон, ки дар он ҷо муваққатан истиқомат дошт, вохӯрдааст. Тақдири талхи ба ҳам монанди Муҳаммад Ҳакимхон Дӯстмуҳаммадхон боис гардид, ки байни онро дустию рафоқат пайдо гардад. Аз маълумоти асар маълум мегардад, ки Дӯстмухаммадхон ҳангоми ба Афғонистон баргаштан, ба тахт нишастан ва мубориза озодихоҳии зидди англисҳо ба Муҳаммад Ҳакимхон борҳо мактуб навиштааст[5, с. 46].

Дар «Мунтахаб ат-таворих» яке аз номаҳое, ки Дӯстмуҳаммадхон ба Муҳаммад Ҳакимхон фиристодааст, чунин оварда шудааст: "Баъд аз қатъи манзил дар вилояти Кобул нузули иҷлол фармуд. Рӯзи дигар санаи 1259 ғурраи рабеъулаввал мукаррар арӯси мамолики афғонияро танг дар оғӯш кашида, бар сарири салтанат ором гирифт ва ба адлу дод пардохт. Салхи моҳи мазкур ба фақир хатти амир Дӯстмуҳаммадхон ва Акбархон ба ҳамин мазмун расид. Назди ҳамгинон нуҳуфта намонад, ки чун амир Дӯстмуҳаммадхон ба ҷониби Шаҳрисабз гурехт, рӯзи дигар амир Насруллоҳ ин хабарро шунида, оташи ҳасрат дар сина ниҳод. Билоэҳмол амр намуд, ки сардор Муҳаммад Акбархон ва Султон Аҳмадхонро дастгир намуда, қайд кунанд ва эшон махфӣ шуда буданд. Ҳарчанд кӯшиш карданд асарро наёфтанд. Баъд аз як ҳафта худи эшон ба хизмати Эшони Соҳибзода рафтанд.Ҷаноби эшон ҳамроҳи худ ба пеши амир Насруллоҳ burданд ва амир Насруллоҳ ба ҷаноби эшон кафил дод. Чанд рӯз дар қатори сӯфиён мегаштанд. Баъд аз чанд вақт амир Насруллоҳ эшонро аз хонаи ҷаноби соҳибзода ба пеши худ талаб намуд ва ҳабс фармуд. Се моҳ дар қайд буданд. Боз амир Насруллоҳ эшонро аз ҳабс баровард. Эшон аз қайд халос шуданд .Намедонистанд, ки куҷо раванд. Дар кӯчаҳои Бухоро мегаштанд. Ба хонаи ҳар кас раванд, аз тарси амир Насруллоҳ роҳ намедоданд ва аз Бухоро берун рафтан манъ буд ва эшон орзуи ҳабсро мекарданд, ки ба ҳар ҳол ҷои хоб маълум буд. Баъд аз саргардонии бисёр ба хонақоҳи ҷаноби соҳибзода омаданд" [2,с.514-515]. Дар "Мунтахаб ат-таворих" инчунин дар бораи сарнавишти ояндаи Акбархон ва Султон Аҳмадхон ва рафтани онҳо ба Афғонистон маълумоти муфассал оварда шудааст.

Ҳамин тариқ, маълумоте, ки аз ҷониби Муҳаммад Ҳакимхон дар «Мунтахаб ат-таворих» оварда нашудааст ва сарчашмаҳои дигар ба назар намерасад, дар омӯзиши таърихи равобити

Бухорову Афғонистон, равандҳои сиёсии дар Афғонистон ва хониҳогарии Осиёи Марказӣ дар нимаи аввали асри XIX ва махсусан зиндагӣ ва фаъолияти амири шуҷои афғон Дӯстмуҳаммадхон ҳамчун сарчашмаи аввал хизмат мекунад ва барои ошкор намудани ҷиҳатҳои норавшани ин давра аҳамияти калони илмӣ дорад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. История Афганистана. С древнейших времен до наших дней.-М., 1982.- 368 с.
2. Массон, В.История Афганистана. В двух томах. Т. 2./В.Массон, В.Ромодин.-М., 1965.- 552 с.
3. Мухаммад, Хакимхан. Мунтахаб ат-таворих/Х.Мухаммад.– Токио (Япония), 2009.– 666 с.
4. Муҳаммад, Ҳакимхон Тӯра. Мунтахаб ат- таворих. Форс- тожик тилидан таржима, муқаддима, изоҳлар муаллифи Ш. Воҳидов.- Тошкент: Янги аср авлоди, 2010.-716 с.
5. Хуршут, Э. Ҳакимхоннинг ҳаёти ва саёҳатлари/Э.Хуршут.-Тошкент: Фан, 1987.- 48 с.
6. Хуршут, Э. Ҳакимхоннинг Дӯст Муҳаммадхон ҳақидаги эсдаликлари/Э.Хуршут.- Тошкент: Фан, 1989.- 20 с.
7. Хуршут, Э. Александр Борнс/Э.Хуршут// Звезда Востока.- 1993.- № 2.


**REFERENCES:**


1.History of Afghanistan. From ancient times to the present day.-M., 1982.- 368 p.

2.Masson V., Romodin V. History of Afghanistan. In two volumes. Ch. 2.-M., 1965.- 552 p.

3.Muhammad Hakimkhan. Muntahab at-tavorih. – Tokyo (Japan), 2009. – 666 p.

4.Muhammadhakimkhan Tura. Muntakhab at- tawarikh. Translated from Farsi-Tajik, the author of the introduction and notes is Sh. Vahidov.- Tashkent: New age generation, 2010.-716 p.

5. Khurshut, E. Hakim Khan's life and travels/ E. Khurshut.-Tashkent: Fan, 1987.- 48 p.

6. Khurshut, E. Hakim Khan's memories of Dûst Muhammad Khan/ E. Khurshut.- Tashkent: Fan, 1989.- 20 p.

7. Khurshut, E. Alexander Borns/ E. Khurshut // Star of the East. - 1993. - № 2.